*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

№ 02 (650),
15 январи
соли 2026

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ



**12 январ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сохторҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва мақомоти дигари давлатӣ тағйироти кадрӣ амалӣ намуданд.**

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозхонд намудани Кенҷазода Муҳаммадҷалолиддин ва Ғуломзода Сафарбек аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби ба охир расидани муҳлати ваколаташон, инчунин дар бораи интихоби Кенҷазода Муҳаммадҷалолиддин, Ғуломзода Сафарбек, Сафарзода Маҳинабону, Раҳмонзода Икром ба вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нурализода Одил ба вазифаи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардиданд.

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раисони суди шаҳру ноҳияҳои Сино, Шоҳмансур, Мурғоб, Шаҳристон, Вахш, Рашт, Ховалинг, Норак, Рӯдакӣ таъин карда шуданд.

Тағйироти кадрӣ, ҳамчунин дар сатҳи муовинони раисони мақомоти судӣ, судяҳои судҳо ва судҳои иқтисодии вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои кишвар амалӣ гардид.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се нафар аз ҳисоби кадрҳои корозмуда ва дорои таҷрибаи кофӣ дар соҳаи дипломатия ба вазифаҳои муовинони вазири корҳои хориҷӣ таъин гардиданд.

Ҳамчунин муовини якум ва муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовини директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Директори муассисаи давлатии Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва раиси Палатаи савдо ва саноати кишвар аз ҳисоби кадрҳои варзидаи ин соҳаҳо таъин гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат онҳоро ба кору хизмати содиқонаю софдилона ва бо виҷдони пок ба нафъи давлат ва мардуми Тоҷикистон, таъмини адолати судӣ ва волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони кишвар, назорати бесифати сифати таълиму тарбияи насли наврас ва муаррифии шоистаи таърих ва фарҳангу ҳунари Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳидоят намуданд.

**www.prezident.tj**



ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ... - саҳ. 2



ТАРҒИБИ ПАЁМ ДАР МУЛОҚОТИ... - саҳ. 3



САҲМИ СОҲИБКОРОНИ ВАТАНДӮСТ... - саҳ. 5



КУРУШИ КАБИР - ШОҲИ ТАМАДДУНОВАР - саҳ.6

# ҶАЛАСАИ ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР СОЛИ 2025

**12 январ, дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷаласаи ҷамъбасти натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар соли 2025 баргузор гардид.**





Дар ҷамъомад муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода, вазирону роҳбарони як қатор идораҳои ҷумҳуриявӣ, муовинони раиси вилоят, масъулони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи раиси вилоят, раисони шаҳру навоҳӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва дигар фаъолон ширкат варзиданд.

Ҷаласаро раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ҳусни ифтитоҳ бахшида, зикр намуданд, ки дар соли 2025 фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардиданд ва дигар қарору супоришҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шуд.

– Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон якҷо бо шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинон фаъолияти худро ба роҳ монда, дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоятро дар соли 2025 мусбат ҷамъбаст намуданд, – афзуд раиси вилоят Давлаталӣ Саид.

Маврид ба қайд аст, ки соли 2025 соли пурбаракат буд ва бо шарофати қадами муборaки Сарвари маҳбуби миллат, ки дар давоми сол бо таваҷҷуҳи хос 6 маротиба ба вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом дода, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 биною иншоот дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, дар онҳо беш аз 2200 ҷойи нави корӣ таъсис ёфтанд.

Раиси вилоят афзуд, ки боварии комил дорем, ки мо фаъолон ва аҳли заҳмати вилоят ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатиашон иброз намуданд, инчунин амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат, таъмини сифатноки барномаҳои маҳаллию соҳавӣ, вусъати корҳои ободонӣ, бунёдкориву созандагӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми имкониятҳо самаранок истифода бурда, бахри таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят тадбирҳои заруриро амалӣ менамоем.

Сипас, гузориши муовини раиси вилоят Файзуллозода Заробиддин оид ба муҳимтарин нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят дар соли сипаришуда шунида шуд.

Дар идома муовини раиси вилоят оид ба дастовардҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, иҷтимоиёт, роҳу нақлиёт, фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, рушди сайёҳӣ суханронӣ намуд.

Гуфта шуд, ки бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи нақша, дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, дар маҷмӯъ бунёд ва азнавсозии 6260 иншоот ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати 1 декабри соли 2025 дар 6640 бинову иншоот (ба маблағи 52,8 миллиард сомонӣ) корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шудааст, ки нисбат ба нақшаи умумӣ 101,1 фоиз ва нақшаи соли 2025 ду баробар зиёд мебошад. Инчунин, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят иловатан ба нақша 1284 иншоот пешбинӣ гардидааст.

Пахтакорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, кишоварзони вилоят соли 2025 дар майдони 108125 гектар кишти пахта гузарониданд. Мувофиқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 1 январи соли 2026 259,6 ҳазор тонна пахта ба корхонаҳои коркард супорида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 94,8 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Соли 2025 дар вилояти Хатлон бо саҳми соҳибкорон ва шахсони саховатпеша 628 километр роҳҳо мумфарш, 596 километр сангфарш ва 65 адад пулу қубурҳо ба маблағи 292,1 миллион сомонӣ таъмиру навсозӣ гардиданд. Инчунин, аз ҷониби идораҳои хоҷагии роҳҳои автомобилгард дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар 2588,6 километр ба маблағи умумии 341,4 миллион сомонӣ роҳҳо таъмиру навсозӣ карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ба маблағи 52,8 миллион сомонӣ зиёд аст. Аз он 546 километр таъмири асосӣ, 649,4 километр сангфарш, 1393 километр таъмири ҷорӣ ва 156 пул ва қубурҳо таъмиру навсозӣ карда шуданд.

Бо дастгирӣ ва иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 2025 роҳи автомобилгарди Данғара - Бохтар ба масофаи 68,8 километр мавриди истифода қарор гирифта, ба таҷдиду навсозии роҳҳои Данғара – Гулистон ва Гулистон – Фархор санги асос гузошта шуд, ки айни замон дар ин иншоот корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Соли 2025 ҷиҳати рушди инфрасохтори соҳаи маориф тадбирҳои амалӣ андешида шуда, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 146 адад иншоотҳои соҳаи маориф дорои 1242 адад синфхона барои 31050 ҷойи нишаст дар як баст (дар ду баст барои 62100 ҷои нишаст) сохта ба истифода дода шуд. Айни замон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохтмони зиёда аз 54 адад иншоотҳои соҳа иборат 562 адад синфхона бо фарогирии 14050 ҷойи нишаст дар 1 баст (дар 2 баст 28100 ҷойи нишаст) идома дорад.

Муовини Сарвазири мамлакат Сулаймон Зиёзода зимни баромади худ таъкид намуд, ки бояд тамоми саъю талош бахри рушди бомароми маҷмуи соҳаҳои иқтисодиёт, вусъат бахшидани корҳои ободонию созандагӣ, ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ сафарбар сохта, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ, зиндагии осоишта ва босаодати сокинони вилоят равона карда шавад.

Дар ҷаласа аз ҷониби раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид аз масъулони ниҳодҳои дахлдор ва раисони шаҳру ноҳияҳо вобаста ба масъалаҳои мубрами ҳалталаб пурсишҳо сурат гирифта, ҳаллу фасли саривақтии онҳо тақозо гардид.

Дар вилояти Хатлон соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва калидии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат ва корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Маврид ба зикр аст, ки таваҷҷуҳи хосса ва дастгириҳои доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба амалигардонии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла тақвиятёбии истифодаи самараноку оқилонаи заминҳо, технологияҳои муосири кишту парвариши зироатҳо, истифодаи тухмиҳои хушсифату баландҳосили репродуксионӣ, баланд бардоштани боздеҳи замин, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ватанӣ ва дар маҷмӯъ, таъмини фаровонии бозорҳои истеъмолӣ такони ҷиддӣ бахшида, афзоиш ва суръати рушди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ таъмин гардида истодааст.

Зикр гардид, ки роҳбарон, фаъолон ва меҳнаткашони вилоят дастуру супориш, ҳидоятҳо ва вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат баённамударо ҳамарӯза пешаи корӣ қарор дода, масъулият ва фаъолияти худро бахри дар амал татбиқ намудани онҳо боз ҳам афзун менамоянд.

Сипас, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ба роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятию минтақавӣ ва раисони шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати таъмини нақшаҳои андоз, истифодаи пурсамару оқилонаи замин, обёрӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани заминҳои бекорхобида, омодагии соҳаҳои хоҷагии халқ ба фасли сармои пешорӯ, ташвиқу тарғиб ва тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, сафарбарии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, пешгирӣ аз талафоти барқ ва ҷамъоварии ҳаққи истифодаи неруи барқ, ҷилавгирӣ аз ҷинояткорӣ ва амалҳои ношоиста дар миёни наврасону ҷавонон, шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ, таълими ғайриқонунии динӣ, ҷалби сармоя ба иқтисодиёти вилоят, вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Дар интиҳо дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат бахшидани корҳои бунёдкорию созандагӣ, ободу зебо гардонидани маҳал ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, тибқи қарори раиси вилояти Хатлон "Дар бораи гузаронидани озмуни вилоятӣ "Оид ба муайян намудани беҳтарин шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳалли аҳолинишин ва хонаи истиқоматӣ" дар вилояти Хатлон ҷамъбаст гардида, ғолибон бо Сипоснома ва мукофоти пулӣ қадршиносӣ шуданд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ХАТЛОН: БА ХОНАВОДАИ АФСАРИ ҶОНФИДО АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ХОНА ТАҚДИМ ГАРДИД

**7 январ, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ба Ҷамоати деҳоти Панҷрӯди ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ташриф оварда, аз аҳволи хонаводаи майор Қурбонов Исматулло, афсари шуҷоe, ки дар роҳи ҳифзи марзу буми кишвар ҷон нисор намудааст, хабар гирифтанд.**



Раиси вилоят нахуст, ба волидайн ва ҳамсари шаҳид изҳори ҳамдардиву таслият намуда, таъкид карданд, ки ҷонфидоии фарзандони содиқи Ватан дар саҳифаҳои пурифтихори таърихи давлатдории миллӣ сабт мегардад. Сипас, аз номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамсари шаҳид калиди хонаи дуҳуҷрадор аз маркази шаҳри Бохтар ва аз номи раиси вилоят кумаки молиявӣ тақдим гардид.

Зимни суҳбат раиси вилояти Хатлон иброз дошт: «Истиқлол, амният ва оромии Тоҷикистон бо ҷонфидоии фарзандони шуҷоу ватандӯст ҳифз мегардад. Қурбонии чунин афсарони далер далели садоқати онҳо ба савганди ҳарбӣ ва муҳаббати бекаронашон ба Ватан аст. Номи онҳо ҳамеша дар хотираи миллат боқӣ мемонад ва давлат ғамхории хешро нисбат ба хонаводаҳои шаҳидон ҳаргиз фаромӯш намекунад».

Қайд гардид, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастгирии иҷтимоии хонаводаҳои шаҳидон ва хизматчиёни ҳарбиро ҳамеша дар маркази сиёсати инсонмеҳвари давлат қарор дода, ҷоннисориҳои онҳоро нишони волотарини ватандӯстӣ ва садоқат ба давлат арзёбӣ менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки шаби 23 декабри соли 2025, тақрибан соати 23:30, се нафар аъзои ташкилоти террористӣ аз қаламрави Афғонистон ба минтақаи муҳофизатии дидбонгоҳи сарҳадии №5-и «Боғ»-и Отряди сарҳадии 0341 «Сарчашма», воқеъ дар мавзеи Қавоқи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ғайриқонунӣ ворид шуданд.

Бо амалӣ гардидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ макони террористон муайян гардида, ҳангоми дастгиркунӣ онҳо ба амри қонунии сарҳадбонони тоҷик итоат накарда, муқовимати мусаллаҳона нишон доданд ва қасди ҳамла ба дидбонгоҳҳои Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро доштанд.

Дар натиҷаи амалиёти ҷангӣ ҳар се террорист безарар гардонида шуда, аз ҷойи ҳодиса силоҳу муҳимоти ҷангӣ, аз ҷумла 3 адад автомати оташфишон, таппончаҳо бо садохомӯшкунак, норинҷакҳо, дурбини шаббин ва дигар лавозимоти ҷангӣ мусодира гардид.

Мутаассифона, зимни пешгирии ин амали террористӣ ду нафар хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯзбеков Зирехбон Нағзибекович ва Қурбонов Исматулло Ғуломович қаҳрамонона ба шаҳодат расиданд.

Фидокории фарзандони далери миллат нишони ҳушёрии сиёсӣ, шуҷоат ва омодагии ҳамешагӣ ҷиҳати ҳифзи амнияти давлату миллат буда, номашон ҳамчун сипарони боэътимоди Ватан дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ТАРҒИБИ ПАЁМ ДАР МУЛОҚОТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**7 январ дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вохӯрии гурӯҳи кории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо фаъолон ва сокинон оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар мулоқот Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, аз ҳавзаи интихоботии Ҳамадонӣ №48 роҳбари гурӯҳ, Кабирзода Ҷомӣ, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, Маҳмуродзода Моҳира, директори Муассисаи мазкур, вакили Маҷлиси вакилони халқи вилоят, аз ҳавзаи интихоботии Ҳамадонӣ №50 ва Самизода Ҷамшед, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ноҳия, аъзои гурӯҳи корӣ ширкат намуданд.

Нахуст, вохӯриро Кабирзода Ҷомӣ Пулод ифтитоҳ намуда, Паёми Пешвои миллатро ҳамчун санади муҳими стратегӣ арзёбӣ карда, аз аҳаммияти он дар таъмини субот ва рушди устувори ҷомеа ёдоварӣ намуд.

Сипас, Саидзода Ҷамшед Ҳамро зимни суханронии худ муҳтавои Паёмро шарҳ дода, самтҳои калидии сиёсати дохилию хориҷии кишвар, аз ҷумла рушди иқтисод, саноат, нақлиёт, маорифу тандурустӣ, дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва таҳкими мавқеи занонро дар ҷомеа ва давлатдории миллӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Зикр шуд, ки Паёми навбатӣ ҳамчун роҳнамо барои ҳамаи сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ ба хотири таъмини рушди устувор ва зиндагии шоистаи мардум мебошад. Қабули як қатор қатъномаҳои муҳим, аз ҷумла: “Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус дар минтақаҳои кӯҳӣ”, “Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ”, инчунин шомил гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хутали қадим ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ва қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба соли 2027 ҳамчун “Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ” аз дастовардҳои муҳими байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб меёбанд.

Таъкид шуд, ки ин ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ маҳз ба шарофати сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешсафу ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра муаррифӣ менамоянд.

Ҳамзамон, дар робита ба ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, таъкид гардид, ки бо пешниҳоди Пешвои миллат соли 2026 ҳамчун “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” эълон гардид, ки ҳадафи он густариши ҳисси ватандӯстӣ, баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва вусъати амалҳои созандагиву бунёдкорӣ мебошад.

Дар интиҳо, аъзои гурӯҳи корӣ иброз доштанд, ки сокинони ватандӯсту заҳматкаши ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо шукргузорӣ аз неъматҳои Истиқлол ва таҳти сарварии Пешвои муаззами миллат дар рушду пешрафти ноҳия саҳми арзанда гузошта, санаи таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои шоиста истиқбол хоҳанд кард.

# НАТИҶАГИРӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ СОЛОНА

**13 январ дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён, маҷлиси ҷамъбастии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия соли 2025 бо иштироки Абдулқаҳҳор Қосимзода, корманди Маркази таҳлилӣ ва иттилооти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, Ҳусейнзода Наврӯз, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Холзода Муҳаммадшариф Муҳаббат, раиси ноҳия, Каримзода Ширинбек, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, аъзои Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб, вакилон, раисони ташкилотҳои ибтидоӣ ва аъзои ТҶҶ "Созандаго-**




Рӯзномаи маҷлис аз 7 масъала иборат буд. Нахуст рӯзномаи маҷлис аз ҷониби аъзои Кумитаи иҷроия тасдиқ карда шуда, тибқи масъалаи якуми рӯзномаи маҷлис гузориши Каримзода Ширинбек, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб барои соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда шунида шуд.

Аз ҷумла зикр гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти натиҷаи муқоисакунӣ ва бо мақсади зиёд намудани аъзои ҳизб тасмим гирифта шуд, ки ҳар моҳ ҳар як корманди масъули ҳизбӣ аз ҳисоби ҷонибдорони ҳизб, шаҳрвандони салоҳиятнок ва содиқу масъулиятнокро барои аъзогӣ ба ҲХДТ ҷалб созанд.

Ҳамин тариқ, дар ноҳияи Кӯшониён аз моҳи январ то декабри соли 2025 аъзои ҳизб дар ноҳия 18936 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 10293– нафарашон занон ва 5242 - нафарашонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ 3 адад ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ таъсис дода шуда, 1331 нафар ба сафи ҳизб қабул карда шуд.

Сипас, дар музокира аъзои Кумитаи иҷроия Сарихонова Сарвиноз, Қаюмов Файзалӣ ба музокира баромада, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияро дар соли 2025 мусбат арзёбӣ намуда, вобаста ба ин масъала қарори дахлдор қабул карда шуд. Дар идома гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбии ноҳия Сатторова Моҳбону шунида шуда, нақшаи кории вакилон барои соли 2026 пешниҳод ва мавриди тасдиқ қарор дода шуд.

Абдулқаҳҳор Қосимзода, намояндаи дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ ва Ҳусейнзода Наврӯз, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар идома ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТИИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР НОҲИЯИ ДӮСТӢ

**14 январ дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ, маҷлиси ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ, дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баргузор гардид.**

Дар маҷлис узви Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, раиси ноҳияи Дӯстӣ Нишонзода Даврон Назаралӣ, намояндаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, роҳбари Ҷумҳуриявии ТҶҶ "Созандагони Ватан" Аҳмадзода Оятулло ва муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилоят, Маҳмадализода Шукрона иштирок доштанд.

Дар маҷлиси мазкур ҳамчунин аъзои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, аъзову ҷонибдорони ҳизб ва дигар роҳбарони ташкилоту муассисаҳои давлатии ноҳия иштирок намуданд.

Дар маҷлиси Кумитаи иҷроия масъалаҳои зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд:

Гузориши раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда, гузориши роҳбари Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Дӯстӣ, оид ба фаъолият дар соли 2025 ва тасдиқи нақшаи кории Гурӯҳи вакилии ҳизбӣ барои соли 2026, тасдиқи нақшаи кории Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ барои нимсолаи якуми соли 2026, тасдиқи нақша-чорабиниҳо вобаста ба шарҳу тавзеҳ ва тарғибу ташвиқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз



16 декабри соли 2025, тасдиқи нақша-чорабиниҳо доир ба роҳандозии корҳои созандагию ободонӣ дар ноҳия дар соли ҷорӣ, дар доираи эълон гардидани соли 2026- "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" ва масъалаҳои ҷорӣ.

Вобаста ба масъалаи якум, раиси Кумитаи иҷроия ноҳиявии ҳизб Ҳамидзода Абдулҳафиз доир ба ҷамъбасти фаъолияти Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб дар соли 2025 ва вазифаҳо барои фаъолияти минбаъда баромад намуд. Мавсуф қайд кард, ки новобаста аз камбудию пешравиҳо кормандони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб соли 2025-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намуда, дар пешравию корҳои созандагӣ, тарғибу таблиғи ҳадафу барномаҳои ҳизб ва сиёсати хирадмандонаи Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миёни аҳолӣ саҳми арзанда гузоштанд.

Дар идомаи маҷлис раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Ҳокимият" Мирзосафарзода Шамсиддин ва раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Маорифчиён" Юсуфзода Ҳотамшо ба музокира баромада, вобаста ба фаъолияти ташкилоти ибтидоӣ дар соли 2025 ҳисобот доданд.

Ҳамчунин дигар масъалаҳои рӯзномаи маҷлис низ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Сипас, намояндаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, роҳбари ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ҷумҳурӣ Аҳмадзода Оятулло ба сухан баромада, оиди фаъолияти ҳизбӣ, баргузории аксияҳои, хусусан ташаббусҳои ҳизбии "Соати сиёсӣ" ва "Мактаби ман" ибрози андеша намуданд. Номбурда қайд намуд, ки дар баробари дигар Кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ низ назаррас буда, дар сомонаи Кумитаи иҷроия ҳамарӯза хабару андешаҳо ва вокунишҳо сари вақт ҷой дода мешаванд.

Ҳамзамон муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Маҳмадализода Шукрона низ баромад карда оид ба фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ суханронӣ намуда, ҷиҳати иҷрои сариваҳтии дастуру ҳидоятҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақша-чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дастуру маслиҳатҳои судманд дод.

Дар анҷом раиси ноҳияи Дӯстӣ, Нишонзода Даврон Назаралӣ баромад карда, фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстиро дар соли 2025 назаррас арзёбӣ кард.

Вобаста ба ҳамаи масъалаҳои баррасигардидаи маҷлис қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

Дар охири маҷлис як қатор фаъолон барои татбиқи ҳадафҳои барномавии ҲХДТ бо сипосномаи Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб қадршиносӣ гардидаанд.

**"Ҳамрози халқ"**

# САҲМИ СОҲИБКОРОНИ ВАТАНДӮСТ ДАР ОБОДОНИИ НОҲИЯ



**Дар шароити имрӯзаи рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши соҳибкорони ватандӯст дар пешбурди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ва ободонии шаҳру ноҳияҳо беш аз пеш эҳсос мегардад. Маҳз тавассути ташаббусҳои созанда, дастгирии сиёсати давлатӣ ва саҳмгузорӣ дар корҳои иҷтимоӣ соҳибкорон метавонанд дар беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум ва рушди минтақаҳо нақши калидӣ дошта бошанд.**

Дар ин радиф, соҳибкорони ноҳияи Дӯстӣ низ ҳамқадами сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат буда, дар ободонию созандагии ин гӯшаи диёри зебоманзари Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи хешро мегузоранд.

Бо шарофати сиёсати созанда ва дурбинонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳибкорӣ дар кишвар заминаҳои устувор фароҳам оварда шуданд. Ҷорӣ гардидани имтиёзҳои андозию гумрукӣ, содасозии расмиёти бақайдгирӣ, дастгирии молиявӣ ва фароҳам сохтани муҳити мусоиди сармоягузорӣ боис гардид, ки шумораи соҳибкорони фаъол дар кишвар сол ба сол афзоиш ёбад.

Ин тадбирҳо на танҳо ба рушди иқтисодиёт мусоидат намуданд, балки имконият фароҳам оварданд, ки соҳибкорон дар корҳои ободонию созандагӣ, рушди инфрасохтор ва таъмини амнияти озуқаворӣ фаъолона ширкат варзанд. Яке аз чунин соҳибкорони муваффақ ва ватандӯст дар ноҳияи Дӯстӣ Васлиддин Шеров, муовини директори генералии ширкати Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҷунтай Хатлон син силу" маҳсуб меёбад. Фаъолияти хоҷагидории ин корхона намунаи равшани истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ва татбиқи сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ мебошад.

Тавре ҳамсуҳбати мо изҳор дошт, айни ҳол ширкати мазкур дар ихтиёри худ беш аз 4 ҳазор гектар замини кишт дошта, ҳамасола дар онҳо кишти пахта ба роҳ монда мешавад. Пахтакорӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ дар таъмини ашёи хом барои саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ аҳамияти калон дорад. Яке аз масъалаҳои калидӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус пахтакорӣ, таъмини сариваќтии заминҳо бо об мебошад. Бо дарки амиқи ин масъала, роҳбарияти ҶСП «Ҷунтай Хатлон син силу» ба таҷдид ва навсозии инфрасохтори обёрӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Дар ин замина, аз ҷониби ширкат 34 адад насосҳои обкашӣ таъмиру азнавсозӣ гардида, онҳо мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ин иқдом имкон фароҳам овард, ки обрасонӣ ба заминҳои кишт беҳтар гардида, сатҳи ҳосилнокӣ баланд бардошта шавад. Ҳамзамон, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ба кам шудани талафот ва беҳтар гардидани ҳолати мелиоративии заминҳо мусоидат менамояд.

Зимни суҳбат Васлиддин Шеров, муовини директори генералии ширкати ҶСП «Ҷунтай Хатлон син силу» ибroz дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа бо роҳнамоии Пешвои миллат сиёсати созанда ва ҳадафмандро амалӣ менамояд. Ҳизб бо такя ба арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои давлатдорӣ барои рушди устувори кишвар ва таҳкими ваҳдати миллӣ пайваста талош меварзад. Дастгирии ташаббусҳои соҳибкорони ватандӯст ва ҷалби онҳо ба корҳои ободонию созандагӣ аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизб ба шумор меравад. Иттиҳоди ҳизб, давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи боэътимоди пешрафти иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамчунин ӯ изҳори миннатдории хешро ба Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибroz намуд, ки барои ҳавасманд гардидан бо медали 30-солагии таъсисёбии ҲХДТ қадрдонӣ гардидаст.

Маврид ба зикр аст, ки фаъолияти пурсамари ширкати мазкур на танҳо ба рушди соҳаи кишоварзӣ, балки ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ низ мусоидат мекунад. Дар мавсими кишту ҷамъоварии ҳосил даҳҳо сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори мавсимӣ таъмин гардида, манбаи даромади онҳо беҳтар мегардад.

Ин омил дар шароити кунунӣ, ки масъалаи шуғли аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад, аҳамияти махсус дорад.

Ба гуфтаи Васлиддин Шеров, муовини директори генералии ширкати ҶСП «Ҷунтай Хатлон син силу» дар оянда низ ният дорад, ки фаъолияти худро боз ҳам густариш дода, дар баробари дигар соҳибкорони маҳаллӣ дар корҳои ободонию созандагии ноҳияи Дӯстӣ саҳми арзанда гузорад. Аз ҷумла, татбиқи лоиҳаҳои нав дар самти беҳтарсозии инфрасохтори истеҳсолӣ, зиёд намудани ҳаҷми кишт ва истифодаи технологияҳои муосир дар назар дошта шудааст.

Дар маҷмуъ, фаъолияти соҳибкорони ватандӯсти ноҳияи Дӯстӣ, бахусус директори генералии ширкати ҶСП «Ҷунтай Хатлон син силу», намунаи ибратбахши ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар роҳи рушди устувори маҳалҳо ба шумор меравад. Ин гуна ташаббусҳои созанда далели равшани дастгирии сиёсати Пешвои миллат ва садоқат ба арзишҳои миллӣ буда, ба ободии Ватан ва беҳбудии зиндагии мардум мусоидат менамоянд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти соҳибкорон ин иштироки фаъолона дар корҳои ободонию созандагӣ мебошад. Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар бо саҳми мустақими соҳибкорон роҳҳо таъмиру навсозӣ шуда, шабакаҳои обу барқ беҳтар мегарданд, иншооти иҷтимоӣ, аз қабили мактабу кӯдакистон, марказҳои саломатӣ ва варзишӣ бунёд ё таҷдид карда мешаванд. Ин иқдомҳо на танҳо симои маҳалҳоро дигаргун месозанд, балки ба баланд шудани сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ ва зиндагии шоистаи мардум мусоидат мекунанд.

Дар ноҳияи Дӯстӣ низ соҳибкорон бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ дар татбиқи чунин ташаббусҳо саҳм мегузоранд. Онҳо дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ ва сохторҳои ҳизбӣ кӯшиш менамоянд, ки мушкилоти иҷтимоии аҳолиро тадриҷан ҳал намуда, шароити мусоиди зиндагиро фароҳам созанд. Бешубҳа, саҳми чунин соҳибкорон дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар шоистаи қадрдонӣ буда, таҷрибаи онҳо метавонад барои дигар соҳибкорон намунаи ибрат бошад.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ**
**"Ҳамрози халқ"**

## АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР ТАШКИЛОТИ ИБТИДОӢ

**ФАРХОР**

Дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Маҳаллаи №9" маҷлиси ҷамъбастии солона баргузор гардид. Раиси ташкилоти ибтидоӣ Самиев Сироҷиддин зимни баромад изҳор дошт, ки маҳз сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки ҳизб дар тӯли 31 соли фаъолияташ ба неруи пешбарандаи ҷомеа табдил ёфтааст.

Гуфта шуд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон имрӯз дар тамоми бахшҳои ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар фаъолона иштирок дошта, сафи аъзо ва нуфузи сиёсӣ ва иҷтимоии он рӯ ба афзоиш дорад. Дар давраи ҳисоботӣ, аъзои ташкилоти ибтидоӣ дар корҳои фаҳмондадиҳӣ, аёдати ниёзмандон, ташвиқи тарзи ҳаёти солим, иштироки фаъолона дар ободӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ саҳми назаррас гузоштаанд.



Ҳамзамон, Раҳимова Маъмурбӣ, мудири шуъбаи кор бо занони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор доир ба мавқеи занон дар ҷомеа ва нуктаҳои муҳимми Паёми Пешвои миллат ибrozи назар намуд. Дар ҷамъбаст фаъолияти солонаи ташкилоти ибтидоии "Маҳаллаи №9" қаноатбахш арзёбӣ гардид.

# КУРУШИ КАБИР-ШОҲИ ТАМАДДУНОВАР



**Дар бораи шоҳи сулолаи Ҳахоманишиён Куруши Кабир (558-530 то мелод) муаллифони зиёде мақолаву асарҳо офаридаанд ва дар онҳо симои ин шахсияти бузурги таърихӣ то андозае таҷассум гардидааст.**

Дар ин радиф нависандаи хушсалиқаи тоҷик Бароти Абдураҳмон низ соли 2006 романи таърихие бо номи «Куруши Кабир шоҳаншоҳи тамаддуновар» навиштааст, ки дар он хонанда ба чеҳраи воқеӣ, хулқу хислат ва далерию мардонагии ин марди ватандӯст ошно мегардад.

Нависанда Бароти Абдураҳмон соли 2017 дар мусоҳибае бо мухбири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» доир ба романи таърихии «Куруши Кабир шоҳаншоҳи тамаддуновар» чунин ибroз дошта буд: «Куруши Кабир як шахсияти нодири таърихист. Шоҳе буд, ки бар адолату инсоф такя мекард. Вақте Бобулро фатҳ намуд, яҳудиёнро аз ҷабру зулми Фиръавн раҳой бахшид, иҷозат дод, ки дини худашонро пайравӣ намоянд. Тамоми сарвату дороии маъбади Сулаймонро, ки Навуходоносор кашида гирифта буд, то косаю хокистардон ба яҳудиён баргардонда дод. Маблағ ҷудо кард, ки он маъбади вайронаро аз нав созанд. Ба ҳама дину фирқа таҳаммулпазир буд. Низоми давлати дунявиро Куруши Кабир асос гузошт. Эъломияи таърихии Куруш заминагузори Эъломияи имрӯзаи ҳуқуқи башар мебошад».

Ҳамчунин дар бораи Куруши Кабир файласуфи олмонӣ Иоҳан Готфрид Гердер чунин гуфтааст: «Агар дар ҷаҳон шоҳаншоҳе арзандаи ситоишу достонҳо бошад, ин шоҳаншоҳ, пеш аз ҳама, бунёдгузори империяи паҳновари Ҳахоманишиён Куруши Кабир аст». Аз мутолиаи асар маълум мегардад, ки дар оғоз бо суиқасди аҳли дарбор ва мансабхоҳӣ Курушро дар овони тифлӣ барои нобуд кардан ба саҳрое бурда мепартоянд, вале бо амри тақдир ӯ ба дасти Митрадод ном чӯпоне афтода, аз марг наҷот меёбад. Баъдан Митрададу занаш Сабокат тифлро Аградод номида, чун фарзанд ба камол мерасонанд. Сабакҳои нахустини зиндагиро аз чӯпон омӯхта, ҳамчун ҷавони тануманд кулоҳи нӯгтези пӯсти баррагӣ дар сар, куртаю шалвори дурушти чармин ва пӯстини беостини дароз бар тан ва хомаки яклухт дар пой ҳамчун марди майдон ба воя мерасад. Аградод бо симои хатти мӯйлабҳои нафис ва риши сияҳфомдошта, сараш урён, мӯйи сиёҳаш мавҷдори то китф хамида ва ба пешонӣ чармине баста буд. Маънои номашро муаррихону забоншиносон ба забонҳои ҳинду аврупоӣ нисбат дода, маънояшро оташдод, озардод ва пешдод тафсир кардаанд. Аградод аз хурдӣ бо ҳайвонҳои ваҳшӣ, аз ҷумла бо гурге унс гирифт, ки номи ӯ Ашк буд. Дар ин айём ӯ дар кӯҳсор бо мӯйсафеди нуронии даруни ғор вомехӯрад ва мӯйсафед ӯро Ораши камонгир ном мениҳад, ки ин номи паҳлавони гузашта, ки насабаш ба Манучеҳр ва дудмонаш ба Каёниён мерасад.

Ин мӯйсафеди нуронӣ, ки панҷ пушташ оташи муқаддасро аз оташкадаи Меҳрбарзини Балх оварда, ин оташи аҳуроиро ҳифз мекарданд, ба Аградод чунин мегӯяд: «Ту аз табори шоҳзодаҳоӣ, писар. Дар сарнавиштат саҳве рафта, ё бо амри тасодуф ба миёни чӯпонон афтодаӣ... Дар рагҳоят хуни поки шоҳаншоҳӣ ҷорист. Толеи неке дар пеш дорӣ. Фарри шоҳаншоҳӣ дар ҷабинат ҳувайдост». Мувофиқи ривоятҳо баъди аниқ шудани шахсияти Аградод (Куруш), аз ҷониби бобояш шоҳи давлати Мод Астиаг Митрадоди чӯпон ва занаш Сабокат ба ҳалокат расонида мешаванд, то ки сир ошкор нагардад.

Баъдан ҳунарҳои далерию паҳлавонӣ, камонкашию тирандозии Курушро атарвони пире мушоҳида карда, онро Ораши камонгар ном мениҳад. Бузургмубади бузурги шаҳри Мод ҳам инро шунида, мегӯяд, ки Ораши камонгар ҳам аз пешомадони мо – дудаю дудмони Каёниён буд. Бо иноятӣ Ҳурмузди накурой ба Ораш нисбаи Каёниёнро меафзояд, номашро Кайораш мегузорад ва илова мекунад, ки бигузор чун бобои бузургвораш Куруши аввал давлати афзуну умри дарози бобаракат насибаш гардад. Ин фарзияро, яъне аз Кайораш падид омадани Курушро Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва чандин муҳаққиқону олимони минбаъда, аз ҷумла Бостонии Поризӣ – устоди таърихи Донишгоҳи Теҳрон дар китоби «Куруши Кабир»-и Мавлоно Абдулкаломи Озод низ тасдиқ намудаанд.

Дар романи мазкур нависанда ба оину боварҳои гузаштагонамон низ дахл намуда, чунин манзарае тасвир намудааст: «Хуни гови сафедро дар ташти тиллоӣ гирифта, ба Атарвони бузург доданд. Атарвон зарфи моломоли хунро ба истиқболи нурҳои офтоби субҳ болои ду даст бардошта ниёишро идома медод. Ӯ бо солорию тамкини бузургворонае пеш рафта, ҳиссае аз хунро ба замини навишта, ҳиссаи дигарашро ба оби равони рӯд ва ҳиссаи охиринашро ба оташдони муқаддас рехту ниёишро фарҷом бахшид». Баъдан нависанда ин манзарaro ба хонанда чунин шарҳу тавзеҳ додааст: «Маънии ин амал дар оғози Соли нав ва фарорасии Наврӯз аз эзади нуру фаровонҳосилӣ Митра ва эзади обҳо Аноҳито хостани серобию файзи борон, аз эзади оташу ҷанг Баҳром кам кардани мусибату ҷангу хунрезиҳост».

Ҳамчунин нависанда манзараи бузкашии қавму қабилаҳои гуногуни он замонаро дар роман чунин ба қалам додааст, ки хеле ҷолиб аст: «Човандозон низ хилъатҳои рангоранги идона пӯшида буданд, ки аз миёни онҳо бохтариён бо кулоҳи дароз, юнониён бо хӯди руин, сакоиҳо бо кулоҳи намадин ва суғдиҳо бо мӯйҳои дарозу парешони тасмабандашон фарқ мекарданд». Нависанда барои тасвир намудани золимию бераҳмии шоҳ Астиаг дар фасли «Зиёфати хоса» аз забони Ҳеродот чунин манзараеро овардааст: «Ҳеродот дар қатори чандин бераҳмиҳои Астиаг фарзанди ягонаи Гарпагро кушта ба ӯ пухта хӯрондани гӯшти писараашро зикр кардааст». Аз рафти роман бармеояд, ки Астиаг писар надошт ва ворики тахташ домодаш Спитам буд. Ӯ баъдан ба муқобили Куруш басо сарсахтона мубориза бурдааст.

Падари Куруш Камбуҷия ва модараш Мандона ном доштанд ва онҳо дар вилояти Аншон – канортарин мулки қаламрави Мод ҳоким буданд. Яке аз чеҳраҳои намоёни асар ин Ойбар ¬саиси шоҳ мебошад, ки ӯ машваратчӣ ва дӯсти наздики Куруш буда, дар набарду кишваркушоиҳои минбаъдааш ҷоннисорона хидмат кардааст. Ҳамчунин ӯ дар тарбияи Куруш саҳми зиёд гузошта, ба ӯ аспсаворию тирандозӣ ва дигар машқҳои ҳарбиро меомӯзонад. Ойбар то охир барои Куруш ҳамчун шахси содиқу вафодор боқӣ мемонад ва дар ситонидани қасоси деринааш аз Астиаг ӯро бо азиятҳои зиёд дар биёбони беоб бурда мепартояд. Ойбар ҳамчун дӯсти содиқ, мураббии ғамхори Куруш дар лашкаркашиҳо ва фатҳ намудани қалъаи Лидия ва Бобул корнамоиҳо нишон медиҳад ва волии Бобул низ мегардад.

Камбуҷия падари Куруш баъди омадани фарзандаш хушҳолӣ карда, дар маъбадгоҳ хушҳолии худро чунин ибroз медорад: «Ай абои кабир! Ай саромади дудмони мо Ҳахоманиши бузург! Имрӯз ба ҳузури ту як тухмаю пайванди дурафтодаат омада! Ӯро ба фарзандӣ бипазир ва дар насабу дудмони поки аҷдодӣ бароящ мақоми шоистае ато кун. Ва бо ҳидояти Маздои некрой ҷони ҷавони ӯро аз чашми баду қасди бади душманон нигаҳбон бош!». Куруш ҳангоми бозгашт ба назди падару модар ҳамчун сарлашкар сарбозони ҷангиро ҷамъ менамояд. Падараш ба ӯ эътимоди зиёд намуда, дар ҳузури ҳама чунин ибroз медорад: «Аз ҳамин соат вилояти Парсуаву Аншонро давлати ягонаи Порсоёни ориёӣ эълом дошта, Пасаргодро пойтахти он мехонем ва ҳифзи ин давлатро ба зиммаи ту вомегузорем, шоҳи ҷавонбахт!». Куруш ҳам аз ин зафар масъулиятро бар дӯш гирифта чунин қасам ёд мекунад: «Мақому манзалати сулолаи Ҳахоманишиёнро пос медорам, ватанро аз ҳама гуна душман ҳифз мекунам ва ба хидмати падарону бародаронро бароям шараф медонам». Дар роман ҳамсари нахустини Куруши Кабир Касандона низ оварда шудааст, ки онҳо зиёда аз 24 сол бо ҳам зистаанд ва дар Бобул аз олам гузаштааст.

Империяи таъсисдодаи Куруши Кабир мутобиқи маълумоти муаррихон дар қаламрави 22 вилоят муттаҳид гашта, се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқоро дар бар мегирифтааст. Куруш барои васеъ намудани империяи худ бо массагетҳо ва дигар қабилаҳои тӯронӣ ҳамеша дар ҷангу ҷидол буд. Аз ҷумла бо подшоҳи массагетҳо меҷангад ва шавҳари Томирисро ба ҳалокат мерасонад. Пас аз он хоҳиши гирифтани зани ӯро мекунад. Томирис ба ҷойи шавҳараш ба тахт нишаста, ба муқобили Куруш ба муҳориба мехезад. Ӯ ба мактуби ошиқонаи Куруш чандон бовар накарда, чунин ҷавоб мегардонад: «Ту ба ман не, ба сарзамини ман ошиқ гаштаӣ». Баъдан ӯ барои гирифтани қассоси шавҳару писараш худ ба ҷанг даромада, Курушро шикаст медиҳад ва сари бетани ӯро ба машки пурхуне меандозад, ки то аз хун сер шавад. Ҳамин тавр пас аз ба ҳалокат расидани Куруши Кабир Томирис зани чобуксавору набардпеша, шамшерзану найзаафкан ва тирандозу моҳир бо азму иродаи қавӣ, бо ҷасорати ботинӣ ва ҳунари нотакрори лашкаркашӣ қабилаҳои парокандаи ориёиҳои тӯрониро муттаҳид намуда, низою хусумати онҳоро ба эътидол медорорад.

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

# ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ НАСЛИ НАВРАС МАСЪУЛИЯТИ ДАСТАҶАМЪИСТ

**Пайравӣ аз ташаббусҳои ояндасози Пешвои муазазми миллат ҷиҳати кабудизоркуниву амалисозии корҳои ободониву созандагӣ, ки тӯли ду панҷсолаи охир бомаром идома дорад, аз марказҳои маъмурӣ то дурдасттарин рустоҳои мамлакат ба шаҳраку деҳкада-ҳои ободу зебо табдил ёфта истодааст.**



Дар ин замина таваҷҷуҳи беандоза ба рушди соҳаи маориф ва фароҳам овардани беҳтарин шароиту имкониятҳо бобати ба илму ҳунаромӯзӣ фаро гирифтани наслиояндаи кишварамон, аз тадбирҳои муҳиме ба хотири пешрафту тараққиёти мамлакат ва таъмини зиндагии шоистаи мардум арзёбӣ мегардад.

Аммо дар баробари дастовардҳои назаррас дар тамоми самтҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва навовариҳои илмиву эҷодӣ, ҳанӯз ҳам дар самти ҷалби таваҷҷуҳи наврасону ҷавонон ба ҳаёти солим ва баланд бардоштани маърифатнокии онҳо масоили ҳалталаб арзи вуҷуд доранд. Фарҳанги муошират ва рафтору гуфтори баъзе наврасону ҷавонон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ аз масъалаҳои доғи ҷомеа ба ҳисоб меравад, ки мояи нигаронии ҳар фарди худогоҳу ватандӯст аст. Зеро мушоҳидаи бадрафториву шунидани ҳарфи қабеҳ ва ҳатто дашномҳои нангин аз ҷониби наврасону ҷавонон гувоҳӣ аз он медиҳад, ки фарҳанги хонаводагӣ ва сатҳи одобу ахлоқ дар оилаҳои онҳо бағоятиташвишовар коста гардидааст. Пас, суоле ба миён меояд, ки бо ин ҳама имкониятҳои васеъ ҷиҳати ба таълиму тарбия фаро гирифтани наслиояндаи ҷомеа, боз чӣ бояд кард, то инки лоақал дар кӯчаву хиёбон ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ бадрафториву бадгуфтории ин гурӯҳ наврасону ҷавононро пешгирӣ намоем?

Дар посух ба ин суол зиёиёну фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ андешаву пешниҳодоти гуногун доранд. Бинобар гуфтаи шоира Ҷавҳари Саидназар баъзан мушоҳида менамоем, ки атрофиён ба хусус, бузургсолон дар ҳолати баҳсу муноқиша ва таҳқиру алфози қабеҳи наврасонро дидаву шунида, аммо “аз бало ҳазар”,- гуфта, бетарафӣ зоҳир менамоянд. Агар сабабгори бадрафториву бадгуфтории баъзе наврасону ҷавонон дастрасии бемаҳдуди онҳо ба шабакаҳои гуногуни интернетӣ бошад, пас асоси пешгирӣ нагардидани ин падидаи номатлуб оила, мактаб ва ҷомеа мебошад. Чун, аз беаҳамиятии мо бузургсолон ҳамакнун воситаҳои интернетӣ ҷойи адабиёти бадеӣ, барномаҳои пандомези телевизион ва радиоиро гирифта истодааст. Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои пешгирӣ аз ин мушкилоти ташвишовар ин ташкили пулиси ахлоқ аст, чаро ки танҳо ҷазо метавонад, боиси беҳтар шудани вазъи баамаломада гардад. Пӯшида нест, ки имрӯз натанҳо ҷавонону наврасон, ҳатто миёни калонсолон ҳам ҳолатҳои баҳсу муноқишаҳо ва дағалгуфториву дашномҳои гӯшношунид мушоҳида мегардад.



Дар ҳамин ҳол Шукурзода Шаҳло, муовини раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар таълиму тарбия ва ислоҳи ахлоқи насли наврас нақши оиларо меҳварӣ мешуморад. - Падару модари солеҳ дар баробари таваҷҷуҳи дучанд ба тарбияи фарзанд ҳамкориро бояд бо мактаб тақвият бахшида, баҳри баланд бардоштани сатҳи илму донишандӯзии фарзандон ба омӯзгорон мусоидат намоянд. Зеро дарси хуби омӯзгор маҳаки тарбия ва муоширатомӯзи ҷавонон мебошад ва дар ин замина, ташкили маҳфилҳои гуногуни фарҳангӣ, ҳамоишу озмунҳои гуногуни фарҳангӣ -маърифатӣ дар мавзӯъҳои "Муошират хуб- нишонаи маданияти воло", "Забони ширин- дӯсти инсон", "Заҳр бодо шири модар бар касе, к-ӯ забони модарӣ гум кардааст" ва амсоли инҳо дар раванди таълиму тарбияи фарзандон дар оила ва мактаб нақши муассир хоҳад гузошт.

Дар воқеъ ҳам, пешниҳоду масъалагузориҳои ҷомеашиносону масъулони соҳаҳои маорифу маънавиёт аз роҳу василаҳои таъсиргузори пешгирӣ аз амалҳои номатлуби наслиояндаи мо арзёбӣ мегардад, вале то куҷо дар ислоҳи вазъ, яъне, пешгирӣ аз бадрафториву бадгуфтории наврасону ҷавонон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ муваффақ мегардем, ин пеш аз ҳама аз оила, мактаб ва дигар соҳаҳои марбутаи кор бо ноболиғону ҷавонон вобастагӣ дорад.

Дар баробари андешидани тадбирҳои муҳим дар самти маърифатнокии наслиояндаи ҷомеа ва тарғиби фарҳангу одоби суханварӣ, ҳамзамон, мо масъулони дастгоҳи идеологӣ ва фаъолони ҷомеаро мебояд, ки ҳамкориро бо оилаҳо дар самти тарбияи наврасону ҷавонон густариш бахшида бошем,- мегӯяд Фароғат Назарзода, сокини шаҳри Левакант.

– Мо дар ҳамкории густурда бо оилаҳо ва таваҷҷуҳи ҷиддии падару модарон метавонем, фарзандонро аз истифодаи бемавриди телефону шабакаҳои иҷтимоӣ ва инчунин, тамошои филмҳои туркӣ ва дигар наворҳои ҷангу моҷароҷӯӣ, ки тавассути ҳуши маснуӣ омода карда мешаванд, пешгирӣ намоем. Зеро новобаста ба тадбирҳои андешидаи масъулони мақомоти марбута дар самти баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия, аз сӯи дигар, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои электронӣ дар ташаккули афкори насли наврасу ҷавонон таъсири зиёд гузошта истодааст.

Ба андешаи Фароғат Назарзода дар пешорӯи равандҳои ҷаҳонишавӣ яке аз муҳимтарин абзори таълиму тарбия истифодаи оқилона аз таҷрибаи ҳаётии солмандону собиқадорон мебошад, ки чӣ гуна моро дар руҳияи инсондӯстиву ватанпарварӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллату давлатдорӣ тарбияву ба воя расонидаанд. Мусаллам аст, ки иллати ҳама кирдору гуфтори номатлуби насли наврасу ҷавон аз муҳити ячейкаи муҳими ҷомеа - оила, сарчашма мегирад. Фар-



зандоне дар фазои солими оила ба воя расида, аз меҳру муҳаббат ва таваҷҷуҳи ҷиддии падару модарон баҳраманд бошанд, ба ҳеҷ ваҷҳ дар кӯчаву дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ беодобиву бадгуфторӣ намекунанд.

Хулоса, пешгирӣ аз амалу гуфторҳои ношоями насли наврасу ҷавон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳамкории густурдаи тамоми рукнҳои ҷомеа- оила, мактаб, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар соҳаҳои марбута ва ҳамзамон, фаъолонии ҷомеаи шаҳрвандиро дар ин самт тақозо дорад. Танҳо дар сурати роҳандозӣ гардидани тадбирҳои таъсиргузор дар ин самт мо, дар ислоҳи вазъ муваффақ гардида, ҳам ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, ташаккули афкори созандаи наслиояндаи ҷомеа ва рушди фарҳанги хонаводагӣ муяссар мегардем.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**“Ҳамрози халқ”**

# РОҲСОЗӢ АЗ СУННАТҲОИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН



## ДАНҒАРА

Бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026 - “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худогоҳиву худшиносии миллӣ”, ташаббуси ҳизбӣ тахти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” дар Ҷамоати деҳоти Себистони ноҳияи Данғара мумфаршкунии роҳу кӯчаҳои деҳаи Калкот ба масофаи 500 метр амалӣ гардид.

Ин иқдом бо ташаббуси роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, саҳми фаъолони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, сокинон ва шахсони хайрхоҳу меҳандӯст анҷом ёфта, Саломзода Сиҷоуддин, раиси ноҳия дар суҳбат бо сокинон таъкид намуд, ки омодагиҳо ба ҷашни муҳими таърихии миллат-35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар саросари кишвар идома дорад ва дар Ҷамоати деҳоти Себистон низ бунёди иншооти муҳими иҷтимоӣ вусъат ёфтааст.

Сокинон ба фаъолона иштирок кардан дар корҳои ободонӣ даъват шуданд, то маҳалли зисти худро боз ҳам зеботар ва хуррамтар созанд.

# САҲМИ ФАЪОЛОНИ ҲХДТ ДАР КОРҲОИ ОБОДОНӢ

## МУЪМИНОБОД



Дар доираи соли 2026 -«Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ», ташаббуси ҳизбӣ тахти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар корҳои бунёдкорӣ вусъати тоза пайдо намудаанд.

Дар ин ҷараён, аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорони саховатпешаи ноҳияи Муъминобод бо ҳисси баланди ватандӯстӣ саҳми назаррас мегузоранд. Бо ташаббуси онҳо таъмири муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу кӯдакистонҳо, марказҳои тиббӣ, роҳҳо, пулҳо ва майдончаҳои варзишӣ амалӣ гардида, симои шаҳру деҳот зеботар мегардад.

Ин иқдомҳо бозгӯи пуштибонии амиқ аз сиёсати созандаи Пешвои миллат ва талошҳои Ҳукумати кишвар барои рушди устувор мебошанд. Онҳо ҳамзамон руҳияи ҳамбастагии миллӣ ва худшиносии шаҳрвандонро тақвият мебахшанд. Саҳми соҳибкорони ватандӯст дар пешрафти кишвар намунаи ибрат буда, бовар аст, ки ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирифта мешавад.

# ВАТАН, ҲАР ГӮШААТРО САРСАБЗ ХОҲЕМ КАРД



## ВОСЕЪ

Бо ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи эълони соли 2026 ҳамчун "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" дар варзишгоҳи навбунёди Ҷамоати деҳоти Бобошоҳиёни ноҳияи Восеъ маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.

Иқдоми сабзкории мазкур бо дастгирии Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор, роҳбари гурӯҳи корӣ ва Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда, дар он роҳбарият, кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, аъзои ташкилотҳои ибтидоӣ ва фаъолон иштирок намуданд.

Мақсади асосӣ саҳм гузоштан дар сарсабзу хуррам нигоҳ доштани муҳити зист ва ободии ҳар гӯшаи диёр мебошад. Чунин амалҳои сабзкорӣ натанҳо муҳити зистро зеботар мекунанд, балки ҳисси масъулиятшиносӣ ва муҳаббат ба Ватанро дар ниҳоди мардум тақвият мебахшанд.

# ОБОДОНӢ БО ҲИССИ ВАТАНДОРӢ

## НОРАК



Дар доираи эълони соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ», ташаббуси ҳизбии “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” дар кӯчаи Ҷамолиддин Каримзода-27 шаҳри Норак корҳои ободониву бунёдкорӣ бомаром идома доранд.

Сокинон бо арҷгузорӣ ба эҳтиёҷоти маҳал ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ барои беҳдошти муҳити зист, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва тақвияти ҳисси миллӣ саҳми арзанда мегузоранд. Бо боварӣ ба сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва дастуру супоришҳое, ки аз Паёми навбатӣ бармеоянд, соли 2026 соли татбиқи амалии ормонҳои миллӣ ва густариши корҳои созандагӣ дар саросари Тоҷикистон хоҳад буд. Ин раванд моро ба истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ наздик мекунад. Рисолати ҳар яки мо ҳифзи арзишҳои миллӣ, тарбияи насли ҷавон дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ ва ифтихор аз корҳои созандагию бунёдкорӣ мебошад.

# САҲМИ ФАЪОЛОН ДАР КОРҲОИ ОБОДОНӢ

## ШАҲРИТУС

Дар доираи «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ва ташаббуси ҳизбии “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ кормандони Кумитаи идораи замин ва КДФ “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” дар ноҳияи Шаҳритус корҳои ободониро анҷом доданд.

Дар ҳудуди биноҳои маъмурӣ бо иштироки кормандон заминҳо тозаву нарм карда шуда, гулҳои мавсимии лола шинонида шуданд. Ин иқдом бо мақсади зебо нигоҳ доштани муҳити корӣ ва ташвиқи амалҳои созанда роҳандозӣ гардида, ҳамчун намунаи ибрат барои дигар сохторҳо арзёбӣ мешавад.

## *Т А Ъ З И Я*

**Раёсати Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон нисбати даргузашти аввалин генералзани тоҷик, собиқ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон САОДАТ АМИРШОЕВА сахт андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил мехоҳад.**

**Ҳамрози халқ**
**Ҳафтономаи сиёсӣ - иттилоотӣ**

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 тахти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид**, раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро**, раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов**, **Ҷамолиддин Усмониён**, **Раҷабалӣ Худоёрзода**, **Аҳлиддини Муборакшоҳ**, **Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков**, саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтонома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтономаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail:
**info@hhdtkhatlon.tj**



Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.